# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №13
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 21.06.2023, №13

Барои сазовор донистани Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ).

Диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700, ш.Хуҷанд, кӯчаи Б.Мавлонбеков, бинои 1); (03 марти сол 2022, таҳти фармони №89 тасдиқ шудааст) 19-уми апрели соли 2023, таҳти рақами №34 ба ҳимоя қабул шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз 17-уми декабри соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 2012 Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз зинаи бакалаври муаллими забони арабӣ ва забону адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро аз рӯйи ихтисоси забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ хатм намудааст.

Инчунин соли 2014 зинаи магистратураи донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси филолог-шарқшинос хатм кардааст. Соли 2017 ба зинаи докторантура (PhD)-и МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дохил шуда, аз ҳамон айём ба пажуҳиши илмӣ машғул гардида, таҳсили худро соли 2020 ба анҷом расонидааст.

Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Насриддинов Фахриддин Абдуманонович, доктори илми филология, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муқарризони расмӣ** – Юсуфов Умриддин Абдукофиевич, доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ.

Чиллаев Суҳроб Ҷӯрахонович, доктори фалсафа (PhD), директори Маркази илмии «Мавлоношиносӣ»-и МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи мазкур, раиси ҷаласа, номзади илми филология Мирзоалиева Адолат Шералиевна, котиби илмии ҷаласа – сармуаллими кафедра Мерганзода Манучеҳр, эксперт – доктори илми филология, профессор Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович ва имзову мухри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. пешниҳод шудааст, қайд намудаанд, ки диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» ба талаботҳои бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида

нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1–М].** Мирзоҳофизиён, М. Ошноӣ бо «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018, - №4 (76). – С. 207-210. ISSN (2219-5408).

**[2–М].** Мирзоҳофизиён, М. Мероси насрии Аҳмади Ҷом //Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2019, - №1 (78). – С. 64-72. ISSN (2413-2004).

**[3–М].** Мирзоҳофизиён, М. Нусхашиносии осори Аҳмади Ҷом //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019, - №2. – С. 242-249. ISSN (2413-516X).

**[4–М].** Насриддинов Ф.А., Мирзоҳофизиён М.М. Тафосири куҳани тоҷикӣ – сарчашмаҳои нодири ирфонӣ //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022, - №6-2 (101). – С. 235-239. ISSN (2219-5408).

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[5–М].** Мирзоҳофизиён, М. Нигоҳе ба рӯзгор ва эҷодиёти Аҳмади Ҷомӣ //Дин ва ҷомеа, апрели 2017, - №4. – С.47-48.

**[6–М].** Мирзоҳофизиён, М. Гулчини насри Аҳмади Ҷом //Дин ва ҷомеа, июли 2021, - №7. – С.25-28.

**[7–М].** Мирзоҳофизиён, М. Аҳмади Ҷом ва Алишери Навоӣ //Дин ва ҷомеа, майи 2022, - №5 (97). – С.22-25.

**[8–М].** Мирзоҳофизиён, М. Муаррифии нусхае навшинохта аз «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом //Маводи конфронси байналхалқии «Муаммоҳои филологӣ ва роҳҳои нави илмии ҳалли онҳо» (Фарғона, 12 декабри соли 2022). –С. 231-234.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** номзади илми филология, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» Абдулманнонзода Муҳаммадсиддиқ мусбат буда, муқарриз дар баробари зикри дастовардҳои назарраси илмии диссертант се эрод манзур намудааст:

1. Дар кор, вобаста ба имло, чигунагии корбурди аломатҳои китобат ва чоп, ҷо-ҷо хатоҳо низ ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро бештар менамояд;

2. Аз муқаддима ва хулосаи кор бармеояд, ки муҳаққиқ паҳлуҳои муҳимми хусусиятҳои матншиносиву поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷомро мавриди пажуҳиши хеш қарор додааст. Агар дар фишурдаи диссертатсия аз таҳқиқотҳои кардаи хеш мисолҳо зиёдтар меовард, ба ҳусни кор як зебогии дигар зам мешуд;

3. Хуб мешуд, ки фарқияти насри ирфонии Аҳмади Ҷомро аз дигар намояндагони давр бо хусусиятҳои фарқкунандааш дар фасл ё зерфасле мушаххас ошкор месохт.

**2. Тақризи** номзади илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ» Зулфиев Гадо низ мусбат буда, дар он ба автореферат се эрод гирифта шудааст:

1. Дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои техникиву имлоӣ ва баъзан услубӣ дар ҷумлаҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба сифати кор мебошад;

2. Дар рӯйхати адабиёт оид ба корҳои анҷомдодаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нишон дода шудааст, аммо дар матни автореферат кам ба назар мерасад;

3. Мисолҳои овардашуда дар автореферати диссертатсия зиёд ба назар мерасад.

**3. Тақризи** доктори илми филология, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоев Солеҳ Одинаевич дар маҷмуъ мусбат мебошад.

**4. Тақризи** дотсенти кафедраи тарҷумашиносӣ ва журналистикаи байналмиллалии Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд, доктори илми филология Хайрулла Хамидов ва устоди кафедраи мазкур, номзади илми филология Эргаш Очилов низ дар маҷмуъ мусбат мебошад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– диссертант Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба омӯзиши рӯзгору фаъолияти эҷодӣ ва таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**

– таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси осори насрии нависанда, ба мисли «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Кунуз-ул-ҳикмат», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия» ва ғ. сурат гирифта, осори насрии ӯ бар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудааст;**

– масъалаҳои нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом мавриди пажуҳиши илмӣ қарор гирифта, наздик ба 40 нусхаи осори насрии ӯ муаррифӣ ва зиёда аз 14 нусхаи нав **бозшиносӣ гардидааст;**

– дар асоси маърифати мундариҷаву муҳтавои осори насрии Аҳмади Ҷом заминаҳои ташаккули тасаввуф ва такомули назарии мероси сӯфия **нишон дода шудааст;**

– тавонмандии Аҳмади Ҷом дар адабу ирфон ва шеваи баёни ӯ дар насри форсии тоҷикӣ **баён гардидааст;**

– осори насрии Аҳмади Ҷом манбаи пурарзиши истилоҳоти аҳли тасаввуф мебошад. Диссертант зимни мабоҳиси мухталиф бо истинод ба ахбору осор ва аҳволу гуфтори машоихи сӯфия истилоҳоти ин тоифаро **шарҳу тавзеҳ додааст;**

– диссертант дар 3 бахш таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷомро анҷом дода, онро ба чунин қисматҳо ҷудо намудааст:

1. Ғалатхонӣ ва адами таваҷҷуҳ дар тасҳеҳи матн;
2. Тасарруф аз рӯи таассуб;
3. Афтодани матн ва фарқиятҳои он бо нусха.

Дар ин замина, холигоҳи матншиносии осори мансури нависандаро дар адабиётшиносии форсии тоҷикӣ пур сохта, кори сазоворро **ба анҷом расонидааст.**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои дар таҳқиқ матраҳгардида дар омӯзиши мавзуъҳои марбут ба таърихи насри ирфонӣ, хусусиятҳои матншиносиву поэтикии мероси сӯфия, нусхашиносии осори хаттӣ, шеваҳои баррасии сохтору мундариҷаи таълифоти насрӣ, маърифати марҳилаҳои таҳаввули сабки наср, сарчашмашиносии афкори адабию ирфонӣ, табйини арзишҳои филологии осори ирфонӣ ва ғ. мусоидат хоҳад намуд. Натиҷаҳоеро, ки аз таҳқиқи фаслу мабҳасҳои алоҳида ба даст омадааст ва шеваҳои таҳқиқие, ки ба кор гирифта шудааст, метавон дар пажуҳишҳои дигар истифода кард.

Ҳамчунин, маводи диссертатсия дар таҳқиқи масоили меҳварии адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ва иҷрои корҳои зерин аҳаммияти амалӣ дорад:

– таълиму тадриси фанҳои «Назарияи адабиёт», «Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ» (давраи тасаввуф), «Сарчашмашиносӣ», «Матншиносӣ», «Нусхашиносӣ», «Таърихи фалсафаи Шарқ»;

– таълифу тадвини китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, дастурҳои методӣ, рисолаи илмӣ, магистрӣ ва рисолаи хатм;

– қироати курсҳои ҷудогона дар машғулияти факултавӣ ва семинарҳои махсус;

– барои таълифи корҳои илмӣ ва ғ.

Дар таълифи диссертатсия аз усули таҳқиқ ва таҷрибаи илмию назариявии адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ, ба мисли Е.Э.Бертелс, Я.Рипка, Р.Николсон, Б.Фурӯзонфар, З.Сафо, С.Нафисӣ, А.Зарринкӯб, М.Баҳор, С.Шамисо, А.Фозил, М.Ш. Кадканӣ, Ҳ.Муайяд, А.Мирзоев, Р.Ҳодизода, Х.Шарифов, Х.Мирзозода, А.Насриддинов, Н.Салимӣ ва диг. истифода гардидааст.

Дар диссертатсия бо назардошти таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом ба масъалагузории мушаххас аз методҳои таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлили сохтории матни адабӣ, сабкшиносии матни адабӣ, мундариҷавии матни адабӣ, шинохти матни адабӣ ва дастовардҳои ҷадиди адабиётшиносии муосири тоҷик ва ҷаҳон истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** натиҷаҳои бадастомада аз мабоҳиси ҷудогонаи диссертатсия ва равишҳои таҳқиқотии бакоргирифтаи муаллифро дар раванди пажуҳишот ва кофтуковҳои нусхашиносӣ, матншиносӣ ва назарияи адабиёт метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро барои навиштани мақолот ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ дар пажӯҳиши паҳлуҳои омӯхтанашудаи насри асрҳои XI-XII, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба насри ирфонӣ, махсусан осори насрии Аҳмади Ҷом ва таъйини арзишҳои ҳунарию адабии осори нависандагони алоҳида мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокӣ аз коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом, таҳаввули наср дар аҳди ӯ, нусхашиносии осори насрӣ, таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии ӯ ва дар ин

замина бо далелҳои муътамад муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми адиб дар адабиёти форсии тоҷики асрҳои XI-XII мушаххас мешавад.

Муаллиф дар таҳияи равиши илмии баррасии масъалаҳо, пешниҳоди услубҳо, таҳқиқи матншиносию поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом, муайян сохтани арзиши адабии осори насрии ӯ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ фаъолона иштирок намудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 21-уми июни соли 2023 дар барои сазовор донистани Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 15 нафар (1 нафар ба тариқи онлайн) иштирок намуд. Аз 15 нафар (1 нафар ба тариқи онлайн) аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 15 нафар (1 нафар ба тариқи онлайн), муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҳасанзода А.А.

котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илми филология Шарипова М.З.
21.06.23